# ТАҚРИЗ

# БА АВТОРЕФЕРАТЫ РИСОЛАИ ДИССЕРТАТСИОНИИ ГАНИЕВ НАҶМИДДИН ХУРШЕДОВИЧ ДАР МАВЗУИ “ТАЪСИРИ ГЕПАТОПРОТЕКТОРИИ МАҶМУИ РАСТАНИҲОИ ДОРУГИИ МАВОДИ «ГЕПАТРИЛ» ҲАНГОМИ ОСЕБИ ТОКСИКИИ ҶИГАР БО ССЪ”, БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФАРМАТСЕВТӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 14.03.06 - ФАРМАКОЛОГИЯ, ФАРМАКОЛОГИЯИ КЛИНИКИ

Чигунае ба ҳамагон маълум аст дар айни замон, шумораи зиёди маводҳои дорувори, ки хосияти гепатопротектори доранд аз хориҷи ба мо ворид мегардад аз он ҷумла аз хори қарроқ (карсил, силимфан, силибан, легалон ва ғайра), ЛИВ 52, тиквеол вағайраҳо, ки таркиби ин маводҳо аз растаниҳо тайёр иборат мебошад. Инчунин маводҳои синтетики (эссентсиал, урсофак, урсосан, холудексан) мавҷуданд. Дар асоси фосфолипидҳои эссенсиалӣ Н, эсфаж, эссливор, ва ғайраҳо офарида шудаанд. Гепатопротекторҳои мавҷуда танҳо ба зинаҳои алоҳидаи патогенези бемориҳои шадид ва музмини ҷигар таъсир расонида, на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот**. Омӯзиши таъсири гепатопротектории маводи нави растаниги «Гепатрил» ҳангоми осеби заҳролудшудаи ҷигар дар калламушҳо.

**Объкти таҳқиқот.** Ҳамчун объектҳои таҳқиқот ба мақсади дарёфти гепатопротекторҳои нав дар асоси флораи Тоҷикистон растаниҳои зерин: решаҳои ширинбия *«Glycyrrhíza glabra L.»,* астрагали фахдошта *«Astragalus lasiosemius Boiss»,* пӯстлохи дарахти тӯс *«Betula servchanica V.»* ва лагенарияи маъмулӣ *«Lagenaria siceraria»* интихоб гардиданд, ки номашро «Гепатрил» мондем.

**Навгонии илмӣ.** Муайян карда шудааст, ки «Гепатрил» дар муқоиса бо “Карсил”, синдромҳои ситолитикӣ ва холестазиро самаранок пешгирӣ мекунад ва дар ҳолати осеби токсикии ҷигар ихтилоли мубодилаи липидҳоро барқарор мекунад. «Гепатрил» пас аз се моҳи қабул тағйироти сохтории ҷигарро барқарор мекунад. Дар робита ба ин, санҷиши клиникии ин иловаи биологӣ барои муолиҷаи бемориҳои системаи гепатобилиарӣ тавсия дода мешавад. Ба маводи «Гепатрил» барои табобат ва пешгирии бемориҳои ҷигар патент гирифта шуд **(Патент № TJ 998, 2019)**.

**Интишорот оид бамавзуи рисола.** Аз рӯйи маводи таҳқиқот 21 корҳои чопӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои, ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи ба номгӯи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади чопи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияҳо барои дарёфти унвони илмии номзади илм дохилшуда, 13 - фишурдаи марузаҳо дар маводҳои конфронсҳои илмию амалии гуногунсатҳ интишор ёфта. Унвонҷӯй соҳиби як патента Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз рӯйи мубрамияти мавзу, омӯзиши таҳқиқоти илмӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва назариявӣ он, дар илми фарматсия кори диссертатсионии Ғаниев Наҷмиддин Хуршедович, ки барои дарёфти дараҷаи илмии намзади илмҳои фармаисевтӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи “Низомномаи намунави дар бораи Шуроҳои диссертатсионӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда ва унвонҷу барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.03.06 Фармакология, фармакологияи клиникӣ сазовор дониста мешавад.

**Тақризнавис:**

д.и.к. профессори кафедраи химияи органикии факужети химияи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҷабзода С. И.

Суроға: куч. Рудаки 17, 734025, ш.Душанбе Телефон: (+992 37) 221 77 И (+992) 985 151072

Имзои Раҷабзода С.И. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

27 08.2024